МАВҚЕИ ЛИНГВОКУЛТУРОЛОГИЯ ДАР СИСТЕМАИ ФАНҲО ВА ВОБАСТАГИИ ОН БО ЭТНОЛИНГВИСТИКА, СОТСИОЛИНГВИСТИКА ВА ЭТНОПСИХОЛИНГВИСТИКА

Нурсултон Шайхисламов
Донишкадаи давлатии омӯзгории Чирчиқи вилояти Тошканд
n.shayxislamov@cspi.uz

АННОТАТСИЯ

Дар мақолаи мазкур оиди вобастагии байниҳамдигарии равияҳои забоншиносии муосир ибрози фикр карда шудааст. Таъкид кардан ба мавриd аст аст, ки маҳз тавассути таъсири байниҳамдигарии равияҳои забоншиносии муосир рушди забонро бараъло мушоҳида кардан мумкин аст.

Калидвожаҳо: лингвокултурология, система, забон, этнолингвистика, сотсиолингвистика, этнопсихолингвистика

THE PLACE OF LINGUCULTUROLOGY IN THE SYSTEM OF SCIENCES AND ITS RELATIONSHIP WITH ETHNOLINGUISTICS, SOCIOLINGUISTICS AND ETHNOPSYCHOLINGUISTICS

Nursulton Shaykhislamov
Chirchik State Pedagogical Institute of Tashkent Region
n.shayxislamov@cspi.uz

ABSTRACT

This article discusses the interdependence of modern linguistics. It should be noted that it is through the interaction of modern linguistic trends that the development of language can be clearly seen.

Keywords: linguoculturology, system, language, ethnolinguistics, sociolinguistics, ethnopsycholinguistics

МУҚАДДИМА

Имрӯзҳо дар таҳлили матн муҳаққиқон ба дастовардҳои як қатор равияҳои забоншиносӣ - грамматика, семантика, когнитология, психолингвистика, лингвокултурология такя намуда, кор мебаранд. Мақсад аз ин дар фаъолияти забонӣ муайян намудани мавқеи омили шахс, яъне офаранда ва идроккунандаи нутқ бошад, аз ҷониби дуюм, боз ҳам амиқтар омӯхтани хусусиятҳои семантикӣ

ва лингвокултурологии матн аст. Дар айни замон ба сифати масъалаи мазкур гарчанд масъалаҳои линвокултурология, ки бо мафҳуми забон ва маданият(фарҳанг) вобаста буда, дар илми забоншиносӣ эътибори ҳамаро ҷалб мекунад аз ҷониби бисёр олимони забоншинос тадқиқ карда шуда истода бошад ҳам, вале пурра ҳалли худро наёфтааст. Мақолаи мо бо он дорои аҳамият аст, ки маҳз масъалаи дар боло зикршуда, ба соҳаи нави забоншиносӣ - лингвокултурология нигаронида шудааст.

ТАҲЛИЛИ АДАБИЁТ ВА МЕТОДОЛОГИЯ

Лингвокултурология бо як қатор соҳаҳои нави илми забоншиносӣ - забоншиносии коммуникативӣ ва лингвистикаи матн, забоншиносии когнитивӣ, прагмалингвистика, психолингвистика, сотсиолингвистика, лингвокишваршиносӣ, этнолингвистика ва бо корҳои тадқиқотӣ дар равияи таҳлили масъалаҳо оид ба ин соҳаҳо узван вобаста аст.

Вобастагии забону маданият, асоси методологии масъалаҳои вобаста ба муаммои инъикоси маданият дар забон дар солҳои наздик оғоз ёфт. Корҳои В.В.Воробёв, В.М.Шаклеин, В.Н.Телия, В.А.Маслова ба сифати асос хизмат мекунад.

Дар илми забоншиносии ӯзбек ҳам дар ин равия як қатор корҳо ба амал бароварда мешаванд. Махсусан, дар забоншиносии ӯзбек ба сифати корҳои аввалин, ки ба як қатор масъалаҳои асосҳои илмии лингвокултурология, инъикоси маданият дар нутқ нигаронида шудаанд, мақолаҳои А.Нурмонов “Равияи лингвокултурологӣ дар забони ӯзбекӣ”, Н.Маҳмудов “Дар ҷустуҷӯи роҳҳои тадқиқи мукаммали забон”, “Монандкуниҳо-маҳсули тафаккури образнок”, Н.Сайидраҳимова “Баъзе мулоҳизаҳо доир ба асосҳои илмии лингвокултурология”, “Компонентҳои лингвокултурология”, монографияи Д.Худойберганова дар мавзӯи “Тадқиқи антропосентрии матн”, “Луғати эзоҳии ташбеҳҳои забони ӯзбекӣ”-ро мисол овардан мумкин аст. Дар мақолаи мазкур мавқеи лингвокултурология дар системаи фанҳо ва вобастагии он бо этнолингвистика, сотсиолингвистика ва этнопсихолингвистика омӯхта шудааст.

Солҳои охир корҳое, ки ба лингвокултурология бахшида шудаанд, бисёр шуданд. Аз ҷумла, Й.С.Степанов “Константҳо: луғати маданияти рус”-ро тартиб дода, констептҳоро, ки барои забонҳои соҳибони забони русӣ фаъоланд ҷамъоварӣ ва маълумоти пурра додааст. (Степанов, 2001). Тадқиқоти Н.Д.Арутюнова “Забон ва олами инсон” ба омӯзиши терминҳои универсал, ки ба маданияти давраҳои гуногун ва халқҳои мухталиф дахлдоранд, бахшида шудааст. (1999). В.Н.Телия ва вакилони мактаби ӯ бошанд ибораҳоро омӯхтанд, мақсад аз

ин тавсиф намудани маъноҳои кӯчидаи милливу маданӣ ва паҳлӯҳои характерноки минталитетро кушода додан аст. (1996). Умуман, вақтҳои охир лингвокултурология ва терминҳои лингвокултурологӣ дар аксарият тадқиқотҳо зуд-зуд ба назар мерасанд. Ин терминҳо андаке озод кор фармуда шуда истодаанд: баъзан ба сифати сиёсати забон ҳам таъриф дода шуда истодаанд (Артемева, 2003).

Ба соҳаи лингвокултурология дар асри Х1Х В.Фон Гумболдт бо китоби худ “Сохтори забон ва таъсири он ба рушди маънавии инсоният” хишти аввалро гузошта, оиди муносибати хусусиятҳои забон ва миллат қайд карда буд. Бахусус, фикрҳои ӯ ба монанди “Забонҳои гуногун, бо хусусиятҳои худ, мувофиқи таъсири худ ба фикрронӣ ва ҳиссу-эҳсос дар амал ҷаҳонбинии гуногунро ифода мекунанд”, “хусусиятҳои ба худ хоси забон ба худшиносии миллат таъсир мекунад, барои ҳамин мукаммал омӯхтани забон таърих ва фалсафа тамоми чизҳое, ки бо дунёи ботинии инсон вобаста намуда мефаҳмонанд, бояд фаро гирад” васеъ паҳн гаштааст. [Гумболдт 1985: 370, 377]. Ҳамин тавр, олим дар шаклҳои гуногуни забон услубҳои гуногуни тафаккур ва эҳсосотро мебинад. Мувофиқи хулосаи ӯ дар забон ба худ хосии маданӣ инъикос меёбад.

Ғояҳои В.Гумболдт аз асрҳои Х1Х-ХХ аз ҷониби неогумболдтчиҳо ривоҷ дода шуд. А.А.Потебня забонро ба сифати фаъолият талқин намуд. Л.Вайсгербер, Х. Глинс, Х. Холс дар мобайнҳои асри ХХ муаммои ба забон вобаста будани сохтори мундариҷаи фикрронӣ ва қатори мантиқии фикрҳоро бардоштанд.

Неогумболдтчиҳо ба мундариҷаи дохилии забон эътибори алоҳида дода, ҷиҳатҳои семантикии забонҳои гуногунро санҷида, ҷиҳатҳои монанд ва фарқкунандаи онро муайян карданд. Л.Вайсбергер мафҳуми “вербалгардонии олам”-ро дохил намуд. Ба он “ҷарайёни дарк кардани дунё тавассути забон ва ба объекти тафаккур табдил додани он” таъриф дод. Инчунин, олим даррасидани вақти тартиб додани “грамматикаи нав”-ро таъкид мекунад. Лозим буд, ки соҳаи мазкур ба ҷониби мазмунии забон бояд нигаронида шавад ва забон ҳамчун “қувваи дар ҳаракат буда” баҳогузорӣ гардад [Гухман 1961: 129-130, 154].

Забоншиносони Амрико Э.Сепир ва Б.Л.Уорф гипотезаи мансубии забониро пешниҳод карданд. Мувофиқи он дар ҷараёни забондонӣ роли асосӣ мебозад. Дар натиҷаи омӯзиши забони ҳиндуҳои Амрикои Шимолӣ олимон ба хулосае омаданд, ки категорияҳои забон ба фикрронӣ ҳам таъсир мекардааст. Мувофиқи гипотезаи мансубии забонӣ дар забонҳои гуногун во хӯрдани категориҳои гуногун онро мефаҳмонад, ки соҳибони ин забонҳо ҳастиро ба таври гуногун контсептуализатсия мекунанд.

Дар давоми асри XX фикрҳои олимони мазкур ба танқид ва зиддиятҳои гуногун дучор гардид. Имрӯзҳо ин равия боз дар маркази диққати забоншиносон аст. Соли 1990 Д. Люси китобҳои «Language Diversity and Thought « (“Гуногунии забон ва тафаккур”) [Луси 1992] ва П. Ли «Whorf Theory Complex « (“Маҷмӯи назариявии Уорф”) [Ли 1996] рӯи оламро диданд. Соли 1998 дар Донишгоҳи Дуйсбург (Германия) бо номи «Humboldt and Whorf Revisited. Universal and Culture-Specific Conceptualizations in Grammar and Lexis» симпозиуми байналхалқӣ гузаронида шуда, дар он роҳҳои нави тадқиқи феномении мансубии забонӣ ва омили шахс дар забон ба миён гузошта шуд.

Назарияи Сепир ва Уорф ба бисёр равияҳои забоншиносии муосир хишти аввалро гузошт. Дар асри XX ба монанди “гипотезаи пуркунандагии забонӣ” (Г.Брутян), “гипотезаи универсалии забонӣ” (А. Вежбиская) гипотезаҳо ҳам пайдо шуданд. Ин ҳолат аз зиёд будани шавқу рағбат ба забон, ки ба сифати паҳнкунандаи маданият рол мебозад, далолат медиҳад.

МУҲОКИМА

Дар миёнаҳои асри XX забоншиноси ИМА Д.Хаймз назария ва асосҳои методологии “дар нақшаи антропологӣ омӯхтани забон ва нутқ”-ро офарид. (1963) Ӯ ғояи “вазифаи забоншиносӣ аз нуқтаи назари забон фаҳмонидани донишҳои оид ба забон буда ва вазифаи антропология бошад аз нуқтаи назари инсон расонидани донишҳои оид ба забон буда аст”-ро пешниҳод намуд. А.Дуранти таъкид намуд, ки антропологияи лингвистӣ аз соҳаҳои дигари забоншиносӣ бо диққат зоҳир намудан ба мушоҳидаи фардии ҳастии моддӣ ҷудо шуда меистад. (1992) Ин равия “инсон дар таркиби забон” низ номгузорӣ мешавад.

Забоншиносии советӣ, ки ба фалсафаи марксистӣ-ленинӣ асос ёфта буд ва манбаъҳои назарии онҳо гуногун буд, антропосентризм ба танқид дучор гардид. Аммо, тавре ки Й.С.Степанов таъкид карда буд, дар даҳсолаи охир забоншиносе набуд, ки структурализми догматиро танқид накарда ва дар забон ба антропосентризм майл зоҳир накарда бошад. (1975)

Дар забоншиносии рус дар маҷмӯаи дарсии В.А.Маслова равияҳои муосири тадқиқотҳои лингвокултурологӣ тавсиф карда ва асоси методологии онҳо офарида шудааст. Тадқиқоти В.В.Воробёв «Лингвокультурология: теория и метод» [Воробёв 1997] бар асоси назарияи гумболдтчигӣ офарида шуда, омӯхтани маданияте, ки дар забон акси худро ёфтааст дар асоси гипотезаи Сепир-Уорф амалӣ гардида, аз терминҳои Л.Вайсбергер фаъол истифода бурда шуда буд.

Дар тадқиқот лингвокултурология ба сифати асоси назарии соҳаи лингвокишваршиносӣ тадқиқ карда шуда, ба соҳа “маҷмӯи мураккаби донишҳо,

ки муносиба ва алоқаҳои забон ва маданиятро дар вазифаҳои забон месанҷад ва ин ҷараёнро мувофиқи қоидаҳои методҳои ва равияҳои муосир ва маданӣ ба мундариҷаи забонӣ ва нозабонӣ(маданӣ) ҷамъ карда, ҳамчун сохтори яклухт нишон медиҳад" таъриф додааст. [Воробёв 1997: 36-37].

НАТИҶАҲО

Ба сифати объекти асосии омӯзишии лингвокултурология "дар ҳолати ягонаи система талқин намудани вобастагии забон ва маданият ҳангоми алоқаи байниҳамдигарӣ", предмети фан бошад, "шаклҳои миллие, ки дар ҷараёни коммуникатсияи забон ба вуҷуд омадааст ва ба арзишҳои миллӣ асос ёфтааст", тамоми чизҳое, ки "манзараи забонии олам"-ро ҳосил мекунад, баҳогузорӣ кардан мумкин аст.

В.В.Воробёв воҳиди асосии таҳлили лингвокултурологӣ – мафҳуми лингвокултуремаро ба фан дохил мекунад ва онро ҳамчун "воҳиди диалектии забонӣ ва нозабонии (фаҳмиш ва предмет) мазмун" таъриф медиҳад. [Воробев 1997: 44-45]. Фарқи калимаро аз лингвокултурема тавассути мафҳуми А.А.Потебня: "маънои дур ва наздики калима" эзоҳ медиҳад.

Лингвокултурема ба таври фарқкунанда аз калима ба як қатор сохтори мураккаб соҳиб аст: нақшаи мазмуни он ба ду: маънои забонӣ ва мазмуни маданӣ тақсим мешавад. Воҳиди мазкур ба мазмуни коннотативӣ соҳиб буда, "то ба охир расидани контексти мафкуравӣ, ки онро ба вуҷуд овардааст, боқӣ хоҳад монд" [Воробев 1997: 52]. Воҳид ба сифати калима ва матни дар идомабуда ифода ёфтанаш мумкин аст.

В.В.Краснх дар «Этнопсихолингвистика и лингвокультурология» ном асари худ ба лингвокултурология чунин таъриф додааст: "фаннест, ки инъикос ва намоёншавии маданиятро дар забон ва дискурс меомӯзад ва бевосита бо омӯзиши хусусиятҳои хоси маҷмӯи рӯҳӣву забонӣ, идроки забонӣ, манзараи миллии дунё вобаста аст". [Краснх 2002: 12]

Вакилони мактаби Волгоград - В.И. Карасик, Е.И. Шейгал эътибори асосиро ба муқоисаи забон ва маданият нигарониданд ва ба сифати воҳиди асосии лингвокултурология контсепти маданиро қабул намуданд. Мафҳуми мазкур "зермаъно"-е, ки мундариҷаи номҳои аниқ ва мавҳумро фаро гирифта, талаб мекунад, ки оиди маданияти халқи мазкур маълумоти иловагӣ гирифта шавад. [Карасик 2002: 127,129]. Е.И. Шейгал ва В.А. Буряковская ба лингвокултурология ба таври зерин таъриф додаанд: "дар шуури ҷомеа ва забон идрок гардидани объектҳои алоҳидаи манзараи консептуалии олам ва объекти инъикосшаванда

(мас. этнос)” [Шейгал, Буряковская 2002: 9]. Муаллифон потентсиали лингвокултурологии этнонимҳоро омӯхтанд.

Омӯзиши ношонаҳои мадании дар забонбуда самараи дастовардҳои забоншиносист, ки то ба имрӯз муяссар гардидааст. Зиёд шудани мароқ нисбати лингвокултурология ояндаи фанро муайян мекунад. Баробари ин асоси назариву методологии фан акнун ташаккул ёфта истодааст. Фразеологизм ва паремияҳо ҳамчун воҳидҳои асосии инъикоскунандаи нишонаҳои маданӣ дар забон тадқиқ мешаванд. Дар баъзе тадқиқотҳо рӯй овардан ба намунаҳои адабиёти мумтоз ба назар мерасад.

Робита ва муносибатҳои байниҳамдигарии забон, маданият ва халқ муаммои байни фанҳо буда, ҳалли он ба саъю кӯшиши муштараки як қатор фанҳо – аз фалсафаю сотсиология то этнолингвистика ва лингвокултурология вобаста аст. Аз ҷумла, масъалаҳои тафаккури забони миллӣ – ин як шабакаи фалсафаи лингвистӣ аст; дар аспекти забон омӯхтани ахборивазкунии иҷтимоӣ ё байнигурӯҳӣ ба доираи тадқиқи психолингвистика шомил аст. Забон бо маданият вобастагии қаъвӣ дорад: он дар дохили маданият ривоҷ меёбад ва ифодакунандаи маданият аст. Дар асоси ин ғоя илми нав - лингвокултурология пайдо шуд. Фанни мазкур дар солҳои 90-уми асри XX ҳамчун соҳаи мустақил ташаккул ёфт. Мафҳуми “лингвокултурология” дар корҳои мактаби фразеологии В.Н.Телия, дар нашрҳои муҳаққиқон Й.С.Степанов, А.Д.Арутюнова, В.В.Воробев, В.Шаклеин, В.А.Маслова пайдо шуд. Агар культурология (маданиятшиносӣ) шуури инсонро дар муносибат ба табиат, жамият, санъат ва шаклҳои дигари ҳастии иҷтимоӣ ва маданӣ омӯзад, забоншиносӣ ҷаҳонбиниеро меомӯзад, ки дар забон дунёро ҳамчун модели рӯҳӣ акс мекунад. Дар лингвокултурология ҳам забон, ҳам маданият объекти тадқиқот ба шумор меравад ва онҳо дар алоқаи байниҳамдигарӣ омӯхта мешаванд. Агар талқини анъанавии масъалаи муносибати забон ва маданият бо истифода аз якчанд тасаввурҳои роҷеъ ба маданият ба ҳалли муаммоҳои лингвистӣ рафта расад, дар кори мазкури мо бо воҳидҳои худ усулҳои маданиятро фаро гирифтан, нигоҳ доштан ва ифода ёфтани забон омӯхта мешавад.

Лингвокултурология – ин шабакаи забоншиносист, ки дар ҷойи рӯ ба рӯ шудани соҳаҳое, ки дар забоншиносӣ, маданиятшиносӣ, дар забон акс ёфтани маданият ва мустаҳкам ҷой гирифтани онро тадқиқ мекунанд, пайдо шудааст. Фанни мазкур бо этнолингвистика, сотсиолингвистика то андозае вобастагии қаъвӣ дорад, ки Б.Н.Телия онро як намуди этнолингвистика ҳисоб мекунад. Вале онҳо аз ҷиҳати принтсипиалӣ умуман фанҳои ҷудогонаанд. Қайд кардан ба маврид аст, ки решаҳои шабакаи этнолингвистика дар Аврупо ба В. Гумболдт;

дар забоншиносии Амрико ба Ф.Боас, Э.Сепир, Б.Уорф рафта мерасад; дар Русия бошад дар тадқиқотҳои Д.К.Зеленин, Е.Ф.Карской, А.А.Шаҳматов,А.А.Потебня, А.Н.Афанасев, А.И.Соболевской соҳиби мавқеи алоҳида гардидааст.

В.А.Звегинсев маҳз ба этнолингвистика диққат дода, онро ҳамчун равияе, ки алоқаҳои забонро бо маданият, урфу одатҳои миллӣ, паҳлӯҳои иҷтимоии ҷомеа меомӯзад, тавсиф намуда буд. Халқ (этнос) – ҷамоаи муштараки забонӣ, анъанавӣ ва мадании инсонҳо буда, инсонҳои мазкур бо муштарак будани тасаввуроташон оиди наздикии руҳият, хусусиятҳои дахлдории маданӣ, нишонаҳои таърихӣ ва забонӣ, пайдоиш ва мнсуб будан ба як характерноканд. Худшиносии миллӣ – ин ба як гурӯҳ мансуб будан ва аз монанди ҳамин дигар гурӯҳҳо фарқ карданро дарк кардани аъзоёни мардум аст. Дар маркази эътибори этнолингвистикаи муосир ҳамин гуна элементҳои системаи лексикии забон меистад, ки онҳо ба маҷмӯи муайяни моддӣ ва маданиву таърихӣ мансубанд. Масалан, этнолингвистҳо як маҷмӯи яхлухти шаклҳои маданият, маросимҳо, анъанаҳоро, ки ба ягон ҳудуди маълуманд, ба хони тадқиқот мегузоранд. Ҳудуди мазкур ба туфайли дар якҷоягӣ ташкил намудани системаи байниҳамдигарии алоқаманд бо ҳудудҳои дигар, аввалан, муаммои дар ба пуррагӣ омӯхтани системаи калон пайдо мешавад. Дар равияи мазкур ду шабакаи асосиро нишон доданамон мумкин аст:

1) аз ҷиҳати забонӣ аз нав барқарор намудани ҳудуди этникӣ (дар тадқиқотҳои Р.А. Агаева,С.Б.Бернштейн В.В.Иванов, Т.В. Гамкрелидзе);

2) доир ба забони мазкур барқарор намудани маданияти моддӣ ва маънавии халқ (корҳои В.В. Иванов,Б.Н.Топоров, Т.В.Сивян, Т.М.Судник, Н.И.Толстой ва мактаби ӯ).

Ҳамин тавр, В.В.Иванов ва Т.В.Гамкрелидзе сохтори забониро бо маданияти археологиии маълум пайваста омӯхтаанд. Таҳлили семантикии калимаҳои барқароршуда ва муносибати онҳо ба денотат (объектҳои фаъолияти нозабонии дар парчаи нутқи мазкур дар назар дошта шуда) барои барқарор намудани тавсифи маданӣ-экологӣ, тарихӣ-географии денотатҳои мазкур ёрӣ мерасонад. Аз нав барқарор намудани маданияти дилхоҳ дар ҳамкории забоншиносӣ, этнография, фолклоршиносӣ, археология ва маданиятшиносӣ амалӣ мегардад. Дар нимаи дуюми асри XX дар собиқ Иттифоқи Шӯравӣ (СССР) дар роҳбарии В.Н.Топоров, В.В. Иванов марказҳои илмӣ, мактаби этнолингвистии Н.И. Толстов, мактаби этнопсихолингвистии Й.А. Сорокин ва Н.В. Уфимсева ба вуҷуд омад. Дар тадқиқоти онҳо забон ҳамчун субстратаи “табиӣ”-и маданият таъриф карда мешавад, ба тамоми қабатҳои он даромада, вазифаи аслиҳаи тартиби рӯҳии дунёро иҷро мекунад ва воситаи мусаҳкамкунандаи ҷаҳонбинии миллӣ ҳисоб меёбад. Аз солҳои 70-ум сар карда мафҳуми этникият (миллият -

юн.этнос - қабила, халқ) васеъ истифода бурда шуд. Мафҳум ҳамчун феномен оид ба шакли сохтори иҷтимоии дорои хусусиятҳои хоси маданӣ, гурӯҳ таъриф карда мешавад: “Миллият интихоб карда намешавад, балки мерос шуда мегузарад” (С.В. Чешко). Маданияти инсоният маҷмӯи маданиятҳои миллии гуногунро ифода мекунад, онҳо барои ҳамин ҳам гуногунанд, ки ба инъикос намудани орзуву омол, эҳтиёҷ ва ҳатту ҳаракати халқҳои мухталиф нигаронида шудаанд. Бахудхосии миллӣ дар тамоми ҷабҳаҳо ба чашм мерасад: дар ҷараёнҳои меҳнат, таътил, хӯрокхӯрӣ, дар ҳар гуна вазъият чи тавр гуфтор намудан ва ғайраҳо. Масалан, нишонаи муҳими русҳо - ҷамоавиӣ ҳисоб меёбад, ба туфайли ҳамин ҳам онҳо бо ҳисси мансубият ба ҷамоаи маълум ҷудо шуда меистанд, дар муносибати байниҳамдигарӣ самимият ва эмотсионалият бараъло ба чашм мерасад. Хусусияти мазкури маданияти рус дар забони русӣ ҳам инъикос мегардад. Бино ба фикри А. Вежбитская, “забони русӣ ба ҳиссиёт бисёртар диққат зоҳир мекунад (нисбат ба забони англисӣ) ва ба маҷмӯи яклухти ифодаҳои луғавӣ ва грамматикие, ки ҳиссиётро фарқ мекунонанд соҳиб аст”. Мактаби этнолингвистикӣ, ки сарвараш Н.Толстой буд бо тадқиқ намудани маданияти маънавии славянӣ ном баровардааст. Асоси назарияи Толстойро изоморфияти забон ва маданият, ғояе, ки дар бораи нисбати воҳидҳои маданӣ мумкин будани истифодаи тамоил ва усулҳое, ки дар забоншиносии муосир кор фармуда мешаванд, ташкил мекунад. Мувофиқи фикри Н.И.Толстой мақсади этнолингвистика нишон додани ретроспективаи тарихӣ – стереотипҳои миллӣ ва кашф намудани манзараи фолклории ҷаҳонбинии миллӣ аст. Яке аз объектҳои омӯзишии сотсиолингвистика муносибатҳои байни забон ва ҷамъият (забон ва маданият, забон ва тарих, забон ва дин ва ғайраҳо) бошад ҳам, мақсади асосии он тадқиқ гардидани хусусиятҳои корбасти забон дар гурӯҳҳои ҷавон ва гуногуни иҷтимоӣ аст (Н.Б.Мечковская).

ХУЛОСА

Ҳамин тавр, этнолингвистика ва сотсиолингвистика фанҳои гуногунанд. Агар этнолингвистика ба маълумотҳои аҳамияти таърихӣ дошта такя намуда, дар маводҳои муосир барои муайян намудани фактҳои таърихии мутааллиқи ягон халқ кӯшиш кунад, сотсиолингвистика маводҳои имрӯзаро меомӯзад. Лингвокултурология бошад фактҳои тарихӣ ва муосири забонро аз пушти оинаи маънавии маданӣ месанҷад. Вале дар ин масъала фикрҳои дигар ҳам ҳаст. Аз ҷумла, В.Н.Телия лингвокултурология муносибатҳои забон ва маданиятро танҳо дар аспекти синҳрон меомӯзад: он корбасти ҷараёнҳои алоқа-ахбори ҷоннокро ва ифодаҳои махсуси менталитети ҳозираи халқро тадқиқ мекунад.

Забон воситаи ҷамъоварӣ ва нигоҳдории ахбори дорои аҳамияти маданӣ ба ҳисоб меравад. Ин маълумотҳо дар якчанд воҳидҳо барои соҳиби забони ҳозира дорои характери имплиситӣ буда, ба тағйиротҳои асрӣ дучор шуда, танҳо дар тарзи ҳангоми бавосита санҷидан намоён мешуда пинҳон мегардад. Вале он мавҷуд ва дар зери шуур “кор мекунад”. (Масалан, калимаи офтоб бо калимаҳои моҳ, осмон, чашм, худо, сар дар як хати семантикӣ мебошад). Барои ҷудо кардани ахбори мадании дар воҳидҳои забон ҷойгиршуда лозим меояд, ки якчанд усулҳои махсуси лингвокултурологиро истифода барем. Ба фикри В.Н.Телия объекти лингвокултурология натанҳо ахбори батамом миллӣ, инчунин, умумиинсониву (Масалан, дар Қуръон, Инжил барин маданиятҳои гуногун) маданӣ низ мебошад. Соҳаи мазкур ба ахбори мадание, ки ба ягон халқи муайн ё ки халқҳои ба ҳам хеш тааллуқ доранд, мароқ зоҳир мекунад.

Лингвокишваршиносӣ ва лингвокултурология бо он фарқ мекунад, ки лингвокишваршиносӣ асосан реалияҳои миллии дар забон акси худро ёфтаро меомӯзад. Воҳидҳои мазкури забонӣ бемуқобил буда (бино ба фикри Е.М.Вереугин ва В.Г.Костомаров), ҷиҳатҳои ба худ хоси маданияти мазкуранд.

Этнопсихолингвистика бо соҳаи лингвокултурология вобастагии қаъвӣ дорад. Этнопсихолингвистика дар фаъолияти нутқ чи тавр намоён шудани хулқу атвори мутааллиқи анъанаи муайянро меомӯзад, фарқиятҳои феълу атвори вербал ва новербали соҳибони забонро ба риштаи таҳлил мекашад, одоби нутқ ва “манзараи рангини дунё”-ро, дар алоқаҳои байнимаданиятӣ намунаҳои матнро тадқиқ мекунад, дузабонӣ ва бисёрзабониро ба сифати паҳлӯи хоссаи одоби нутқи халқҳои гуногун талқин мекунад. Методи асосии тадқиқотии этнопсихолингвистика таҷрибаи ассотсиативӣ бошад, лингвокултурология бо он фарқ мекунад, ки тамоми методҳои забоншиносиро корбаст карда метавонад.

АДАБИЁТ

1. Shayxislamov, N. (2020). Ona tili fanini o ‘qitishda zamonaviy pedagogik texnologiyalardan foydalanish. *O ‘zbekistonda ilm-fan va ta’lim masalalari: muammo va yechimlar,(3)*, 71-73.
2. Shayxislamov, N. (2020). Nutqning paralingvistik va ekstralingvistik vositalari. *Ўзбекистонда илмий-амалий тадқиқотлар*, 36-37.
3. Shayxislamov, N. Z. O. G. L., & Shofqorov, A. M. (2020). RASMIY HUJJATLAR MATNINING LEKSIK XUSISIYATLARI VA ULARNING TARJIMADA BERILISHI. *Science and Education*, *1*(Special Issue 3).

4. Kaldibayeva, D. O. (2020). TALABALARNING MANTIQIY TAFAKKURINI SHAKLLANTIRISHNING PEDAGOGIK OMILLARI. Science and Education, 1(Special Issue 3).
5. Тангирова, Г. И. (2020). ИНТЕРАКТИВНОЕ ОБРАЗОВАНИЕ И ЕГО ДИДАКТИЧЕСКИЕ ВОЗМОЖНОСТИ. Science and Education, 1(Special Issue 3).
6. Ikramov, R. (2020). Constitutional and Legal Framework for Environmental Human Rights. *The scientific heritage*, *4*(54), 6-12.
7. Ikramov, R., & Bekmirzayev, N. (2020). *Yurist nutqi madaniyati*. Toshkent: Akademnashr.
8. Ikramov, R., & Bekmirzayev, N. (2020). "Avesto"da ayol va oila huquqlari talqini. *Til va adabiyot ta'limi*, (6), 26-27.

REFERENCES

1. Shayxislamov, N. (2020). Ona tili fanini o ‘qitishda zamonaviy pedagogik texnologiyalardan foydalanish. *O‘zbekistonda ilm-fan va ta’lim masalalari: muammo va yechimlar,(3)*, 71-73.
2. Shayxislamov, N. (2020). Nutqning paralingvistik va ekstralingvistik vositalari. *Ўзбекистонда илмий-амалий тадқиқотлар*, 36-37.
3. Shayxislamov, N. Z. O. G. L., & Shofqorov, A. M. (2020). RASMIY HUJJATLAR MATNINING LEKSIK XUSISIYATLARI VA ULARNING TARJIMADA BERILISHI. *Science and Education*, *1*(Special Issue 3).
4. Kaldibayeva, D. O. (2020). TALABALARNING MANTIQIY TAFAKKURINI SHAKLLANTIRISHNING PEDAGOGIK OMILLARI. Science and Education, 1(Special Issue 3).
5. Тангирова, Г. И. (2020). ИНТЕРАКТИВНОЕ ОБРАЗОВАНИЕ И ЕГО ДИДАКТИЧЕСКИЕ ВОЗМОЖНОСТИ. Science and Education, 1(Special Issue 3).
6. Ikramov, R. (2020). Constitutional and Legal Framework for Environmental Human Rights. *The scientific heritage*, *4*(54), 6-12.
7. Ikramov, R., & Bekmirzayev, N. (2020). *Yurist nutqi madaniyati*. Toshkent: Akademnashr.
8. Ikramov, R., & Bekmirzayev, N. (2020). "Avesto"da ayol va oila huquqlari talqini. *Til va adabiyot ta'limi*, (6), 26-27.